**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқи-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

Ба диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини назарияви амалӣбахшида шудааст.

Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, рушди ҷомеаи демократӣ, шаҳрвандӣ, ки нақш ва аҳамияти санадҳои қонунгузорӣ ба таври равшан меафзояд, раванди қонунгузорӣ дар фаъолияти парлумон аҳамияти махсус пайдо карда, зарурати такмили онҳо ба миён меояд. Ба ин маъно, чунин падидаи мураккаби раванди қонунгузорӣ, ки тартиби бо меъёрҳои ҳуқуки парламентӣ аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид намудани лоиҳаи қонун, баррасӣ, қабул ва ҷонибдории онҳо аз ҷониби парламент танзимшаванда мебошад, ҳамчунин имзо кардан, интишор кардан аз тарафи сарвари давлат ва интишор омузиши иуфассалро талаб мекунад.

Воқеан таҷрибаи устувори раванди қонунгузорӣ мушкилоти иҷтимоию сиёсии ҳар як давлати муосирро нишон медиҳад, ки эҷод ва раванди қабули қонун то чӣ андоза муҳим буда, ҳамчун танзимгари асосии ҷанбаҳои гуногуни ҳамфаъолиятии ҷомеа ва давлат мебошад.

Муайян аст, ки қонунҳо дар натиҷаи муҳокимаи ҳаматарафаи лоиҳа, бо ба инобат гирифтани фикру мулоҳизаҳои гуруҳҳои манфиатдори

иҷтимоӣ, муайян намудани имконоти қабули қонун, ба даст оварда мешавад.

Ба ғайр аз аҳамияти илмию назариявии масъалаи таққиқшудаи диссертатсионӣ он бештар хусусияти амалиро низ доро мебошад. Натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳлилу коркарди дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ истифода кард.

Бояд гуфт, ки парлумони думаҷлисаи кишвар тавонист дар тули начандон фаъолияти зиёд мустақилона, бо устуворӣ эҷоди қонунҳоро бо хусусиятҳои миллии кишварамон ба роҳ монад. Аз ин лиҳоз дар шароити муосир паҳлуҳои гуногуни омузиши раванди қонунгузорӣ дар низоми қонунгузориии кишвар моҳият ва аҳамияти мавзуи мазккурро аз ҷиҳати илмию амалӣ муайян намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқоти илмӣ Яқубова С.Н. баъзе аз масъалаҳои мушкилии раванди қонунгузории ҶТ – ро, ки пайдарҳамии қатъии муайяншудаи марҳилаҳои он, додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба доираи хеле васеъ ва муайяншуда, ухдадории риояи қатъии ҳамаи иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ, ки бо расмиёти аз ҷониби меъёри муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ба назари мо дар рисолаи илмӣ аз таҷрибаи раванди қонунгузории парламенти кишварҳои хориҷӣ дуру наздик бояд бештар мисол оварда мешуд. Аммо ин мазмуни диссертатсияро коста намегардонад.

Мубрамияти таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки мафҳум ва моҳияти раванди қонунгузорӣ вобаста ба замони парлумонгароӣ аз тарафи парламенти доимоамалкунанда ва касбии ҶТ мустақилона бо ҳамфаъолиятии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Навгонӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодӣ дар ҳамаи бобхои диссертатсия ба назар мерасад. Хулоса ва тавсияхои пешниҳоднамудаи муаллифи рисола дар ҳама қисматҳои рисолаи илмӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Аз ҷиҳати услубӣ илмӣ, мантиқӣ ва имлоӣ диссертатсия ба

талаботи лозима ҷавобгу мебошад. Ҳамин тавр аз раванди таҳқиқи мавзуи рисолаи илмӣ метавон ба хулоса омад, ки қабули қонунҳои кишвар дар раванди қонунгузории расмиёти муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар як ва ё ду қироат бо намояндагони тамоми қишри ҷомеа қабул мешавад, масъалаи рузмарра ва гуногунҷабҳа боқи хоҳад монд.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзулоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз руи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази барномаҳои байналмилалӣ»
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Одиназода Р.

**Имзои** Одиназода Р. – **ро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ Имомзода М.
14.05.2024